# ПРОТОКОЛИ №6
## маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-129 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

30 июли соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар

**Раиси шуро:** Бобоев Х.Ю.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 майи соли 2025, № 166/шд тасдиқ шудааст, 9 нафар иштирок доранд, 4 нафарашон доктарони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям мавқеи худро муайян намоед. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III – XVIII)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D020800 - бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 - бостоншиносӣ)

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Шарифзода Ҷ.С. ва аъзои комиссия Тиллоев С.С. ва Аюбов А.Р. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III – XVIII)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 - бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 - бостоншиносӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III – XVIII)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) , доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 - бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 - бостоншиносӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Раҳимов Набиҷон Турдиалиевич** – доктори илмҳои таърих профессори кафедраи археология ва диншиносии Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров;

- **Каримдодзода Миралӣ Замон** – номзади илмҳои таърих, муовини сардори раёсати фондӣ ва бақайдгирӣ ва мудири шуъбаи бостоншиносӣ ва сиккашиносии Осорхонаи миллии назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 7 октябри соли 2026, соати 15:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** ҷонибдор 9, муқобил – нест, бетараф – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои таърих** Бобоев Х.Ю

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои таърих** Қобилова Б.Т.

30 июли соли 2026